**ТАНҚИД ВА КИТОБИЁТ**

***Маориф ва маданият,***
***№70 (4400),***
***сешанбе 16 июни 1970***

## Навгонӣ

Дар ин рӯзҳо нахустин китобчаи шоири ҷавони умедбахш Шоҳмузаффар Ёдгорӣ - «Як шоха гул» ба дасти толибони каломи бадеъ расид, ки он бо пешгуфтори Ғаффор Мирзо дарҷ ёфтааст.

Ш. Ёдгорӣ аз қабили адибони ҷавони ҳассос ва соҳибистеъдод мебошад, ки аз ҳусни кишвар, корнамоиҳои одамони диловари советӣ ба ваҷд омада, шеърҳои самимона эҷод мекунанд. Шоир ҳамчун тамоми ҷавонони содиқу вафодор, Ватани худро дуст медорад, барои муҳофиза ва ободии он бедареғ меҳнат мекунад.

Шеърҳои «Симои халқам», «Осмон зери по афтодааст», «Соли илму амалу моҳравӣ», «Сар пеши аҷал намефарорам» ва ғайраро, ки дар онҳо Ватан ва халқи тавонои советӣ васф карда шудаанд, аз ҷумлаи беҳтарин асарҳои Ш. Ёдгорӣ шумурдан мумкин аст.

Ш. Ёдгорӣ дар зимни баёни саргузашт ва руҳияи қаҳрамони лирикии шеъри худ ба як қатор масъалаҳои иҷтимоӣ моҳирона дахолат мекунад, ки ин аз ҷаҳонбинии салим ва пешравиҳои шоир гувоҳӣ медиҳад. Чунончӣ, чанд байт аз шеъри «Кистам?»:

*Ҷавонам ман.*
*Маро зоданд дар айёми*
*туфонӣ,*
*Ки дунёро*
*Заминро...*
*Қалби пурошуби мардумро*

*Мунаввар карда буд барқ,*
*Ки мавҷаш, шӯълааш.*
*туғёни овозаш*
*Шикасту пора кард аз*
*рӯзгори мо*
*Ҳама он шӯру шарри асри*
*маъшумро.*
*Ва бар сар тофт хуршеде,*
*ки Ленин буд,*
*Ва омад бахти ҷовиде, ки*
*мардумро талаб ин буд.*

Агар дар байтҳои боло субҳи кишвар, ҳодисаҳои бузурги инқилобӣ ва даҳои Ленин ба тарзи шоирона тасвир ёфта бошанд, дар мисраъҳои баъдинаи он чигунагии ҷавонони саодатманди имрӯза, ки ҷонбозиҳои падарон ва қимати ин ҳаёти хуррамро лаҳзае фаромуш намекунанд ва ба ҳар амри халқу Ватан ҳамеша омода мебошанд, баён ёфтааст, чунончӣ:

*Ҷавонам.*
*Зодаи асри тамаддунам,*
*ки аз ин аср,*
*ин даврон,*

*Сарафрозам,*
*На маҳзунам.*
*Агар ҳизбам бифармояд,*
*ба ҷон гуям.*
*Барои некхоҳӣ*
*некфарҷомӣ,*

*Ҳамон хоҳам,*
*Ки орад бар ҷавониям*
*накӯномӣ...*

Қисмати зиёди шеърҳои маҷмуаи «Як шоха гул» сохти мунтазам ва мустаҳками композитсионӣ дошта, ҳар яке мақсаду мундариҷаи дақиқеро ифода менамоянд.

Ашъори Шоҳмузаффар Ёдгорӣ диққати хонандагонро аз нуқтаи назари шакл, аз ҷумлаи вазн низ ба худ ҷалб мекунад. Қисми зиёди шеърҳои маҷмуаи «Як шоха гул» дар баҳрҳои гуногуни вазни анъанавии арӯз эҷод шуда бошанд, баъзеи онҳо дар вазни озод иншо гардидаанд.

Дар қисми шеърҳои Ш. Ёдгорӣ порчаҳои тараннумӣ (тақтеъҳо) дар ҳар мисраъ сифатан яканд, вале миқдоран гуногун мебошанд. Ин хусусиятро дар шеърҳои «Интизорӣ», «Диламро меканам...», «Ман масти хаёли ту будам...», «Духтар» ва ғайра мушоҳида кардан мумкин аст, ки порчаи зерин далели ин фикр шуда метавонад:

*Диламро меканам аз синаю*
*бар даст мегирам,*
*Туро бар ёд меорам.*
*Диламро меканам аз синаю*
*бар даст мегирам.*
*Нигоҳаш мекунам,*
*бечора менолад –*
*Туро бар ёд меорам.*

Албатта, ҳамаи шеърҳои Ш. Ёдгориро пухтаву комил пиндоштан дуруст нест, зеро дар баъзе шеърҳои маҷмуаи «Як шоха гул» фикрҳои нотамом, лаҳзаҳои торик ва нуқсонҳои услубӣ,

забонӣ, техникӣ ва ҳоказо вомехуранд. Масалан, дар байти зерин мувофиқати хабари ҷумлаҳо дида намешавад:

*Тифл то гиря насозад,*
*модар*
*Монд пистонакаш он гаҳ*
*ба даҳон.*

Дар байти аввали мисоли зерин бошад, мазмун хеле торик аст ва ташбеҳшаванда ба назар намерасад:

*Ба вақти ноумедиҳо, ки аз*
*тақдир*
*Гаҳе бар пой мепечанд чун*
*занҷир,*
*Туро овоз хоҳам дод*
*Дастам гир.*

Шеърҳои «Табассумҳои модар...», «Бечора дили ман...» ба назар нотамом менамоянд, зеро мақсади муаллиф пурраю возеҳ таҷассум наёфтааст. Дар шеъри «Балоғат» бошад, фикр бисёр кашол дода шудааст, алалхусус ду байти охири он мазмунро ланҷ мекунад. Дуруст аст, дар мисраи охирин бозёфти шоирона ҳаст ва онро ҳусни мақтаъ шумурдан мумкин аст. Вале ба он мисраъҳои такрории фавқ таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар маҷмӯа гоҳ-гоҳе сактаҳо вомехуранд. Чунончи, дар калимаву таъбирҳои «пирон» (саҳ. 17), «хуш аст» (саҳ. 19). «гирудор» (саҳ. 61) ҳиҷоҳои аввал кӯтоҳ хонда шудаанд, ки раво нест...

Одатан, деҳқонону боғдорон нишонаҳои нахустини дасткишти худ, ибтидои ҳосилро «навгонӣ» меноманд ва онро манзури наздикон менамоянд, то онҳо аз чигунагии ҳамин навгонӣ сифат ва

арзиши ҳосили расидаистодаро муайян кунанд. Инак, аз навгонии Ш. Ёдгорӣ - «Як шоха гул» мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар роҳи дурусти эҷодӣ мебошад ва мақоми граждании шоирро дар ҷамъият хуб медонад.

**Раҳим МУСУЛМОНҚУЛОВ**.